Санаи 6 ноябри соли 2019 як гурӯхи никобпӯши силохбадаст ба дидбонгохи сархадии “Ишкобод”-и отряди сархадии “Султонобод”-и нохияи Рудакӣ хучуми мусаллахона содир намуданд. Ин амали ночавонмардона, ки бо максади амалӣ
намудани накшаю ниятхои бадхохону хоинони миллат тархрезӣ шуда буд, метавон хиёнати навбатии саркардагону пайравони ПМТ, ХНИ ва хаммаслаконашон хисобид.

Онхо хостанд дар рӯзе, ки миллат тантанаи Рӯзи Конститутсия дорад ва Пешвои миллат мӯхтарам Эмомалӣ Рахмон дар сафари хорича хастанд, суботи кишварро халалдор намоянд.

Бехабар аз он, ки миллати шарифи точик рӯхи шикастнопазир дошта, ин рафтори нангини ноогохонро фитнаи навбатии хоинони миллат мехисобад. Аён аст , ки ин аъмол аз хорича сахнанависӣ гашта, чавонони магзшустаро бар ивази маблаг ба ин гуна хиёнаткорихо водор месозанд.

Аммо ба иваз чи мегиранд?. Ноумедию курбонӣ ва чавоби сазовори подоши аъмол.

Бо итминон ва ифтихор гуфта метавонем, ки Точикистони бихиштосои моро имрӯз ягон хавфу хатар тахдид карда наметавонад. Имрӯз хар сокини кишвар худогоху хештаншинос ва хомии марзу буми худ гардидааст.
Мо
имрӯз дорои Артиши боэъдимод ва сарбозони далеру шучоъ мебошем.

Кумитаи ичроияи Хизби Халкии Демократии Точикистон дар нохияи Зафаробод ин амали террористӣ, ки кори дасти хоинону курдилон ва душманони миллат мебошад, махкум намуда, даъват ба он меорад, ки бар зидди ин гуна афрод муборизи беамон бошем, Зиракии сиёсиро аз даст надода, хомию пуштибони Ватан ва пайрави вокеии Пешвои миллат гардем.

Хамчунин ба пайвандони ду нафар сарбозони Кушӯнхои сархадӣ ва ВКД – Чумхурии Точикистон, ки чони худро дар рохи хизмат ба Ватан сипар намуданд, хамдардӣ баён менамоем.

Раёсати кумитаи

ичроияи ХХДТ дар нохияи Зафаробод